**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД 338.43 (575.34)**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**



**ХАЛИФАЗОДА ҶОВИДОН БОБОХОН**

# АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ ДАР МИНТАҚА

**(дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)**

**АВТОРЕФЕРАТ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**ДУШАНБЕ – 2023**

Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Давлатзода Қудрат Қамбар -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

**Муқарризони расмӣ:** **Ашуров Ихтиёр Саидович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славиянии Россия ва Тоҷикистон

**Маҳмадизода Файзали Бачабек -** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Ҳимояи диссертатсия «15» сентябри соли 2023, соати $09^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail. faridullo72@ mail.ru. Телефони котиби илмӣ (+992) 935730010

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tgfeu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____»________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф. К.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Имрӯзҳо дар назди илми иқтисод тазодҳо ва хатарҳои нав ба вуҷуд омадааст, ки он аз давлат ва субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ кӯшишҳои дастаҷамъонаро оид ба навҷорисозии сохторӣ ва баҳои самаранокии истеҳсолот тақозо менамояд. Ин равандҳо зарурати ҷорӣ намудани назарияҳои нави рушди иқтисодӣ, махсусан кластерикунонии соҳаҳои иқтисодиётро, ки он барои татбиқи барномаҳои дарозмуҳлат ва татбиқи консепсияи рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа хизмат менамояд, зарур мешуморад. Кластерикунонӣ дар ташкили истеҳсолот яке аз унсурҳои муҳимми таъмини рушди устувори минтақа ба ҳисоб рафта, бо истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, инноватсияҳо ва рақобатпазирии соҳаи комплекси агросаноатӣ равона карда шудааст. Вобаста ба ин, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ ва дар заминаи он рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолӣ яке аз вазифаҳои асосии илми иқтисодиёти минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Маҳз татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши агросаноатӣ ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ, бахусус, пахта ва ҷалби сармоягузориҳо ба рушди кластерҳои минтақавӣ бо истифода аз технологияҳои муосир нигаронида шуда, он хеле хуб арзёбӣ мегардад. Дар ҳуҷҷати мазкур ба қатори омилҳои ба рушди соҳаҳои истеҳсолии иқтисоди миллӣ ва зеркомплексҳои алоҳидаи комплекси агросаноатӣ (КАС) монеъшаванда «...сатҳи пасти дохилисоҳавӣ ба байнисоҳавӣ, инчунин, байниҳудудии кооператсия ва ҳамгироӣ, рушд наёфтани равиши кластерӣ...»[1] низ дохил карда мешавад.

Инчунин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ (аз 23.12.2022с.) қайд намуданд, ки «ба масъалаҳои тақвияти рушди содирот, тезонидани ҷараёни диверсификатсияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда аҳаммияти махсус дода, барои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ва меваю сабзавот ва ғайраҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шавад. Дар ин самт, Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор аст, ки якҷо бо Вазорати кишоварзӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати дар се соли минбаъда бунёд кардану ба кор андохтани маҷмааҳои коркарди ниҳоии нахи пахта дар 5 шаҳру ноҳия, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб чораҳои саривақтӣ андешад».[2]

Яке аз самтҳои асосии рушди устувори соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар айни ҳол ин кластерикунонии пахта мебошад, ки он ба ташкили муҳити солими ҷалби сармоягузориҳо, ҳавасмандии иқтисодии ҳамкориҳои иштирокчиёни кластерҳои мазкур, механизмҳо ва усулҳои танзими давлатии онҳо, тақсимоти

---

[1]Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030. -С. 62.
[2]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 23.12.2022.

функсияи иштирокчиёни занҷираи истеҳсолии минтақавӣ равона карда шудааст. Ташаккули кластерҳои пахта дар ин раванд дурнамои хеле хуб дошта, барои рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа бо назардошти хусусиятҳои хоси он дар ҳудуди географӣ ва махсусгардонии истеҳсолот мусоидат менамояд. Ин ҷо раванди кооператсия ва ҳамгироии истеҳсолот дар ташаккули кластерҳои пахта имкон медиҳад, ки иқтидори захиравӣ-табиии минтақа самаранок истифода бурда шуда, он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ саҳми калон гузорад.

Ҳалли мушкилоти дар боло дарҷгардидаи ташаккули кластерҳои пахта аз истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, захираҳои меҳнатӣ ва молиявӣ, раванди кооператсия ва ҳамгироии агросаноатӣ, навсозии техникию технологӣ ва инноватсияҳои истеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Масоил ва мушкилоти номбурда зарурати таҳқиқоти назариявӣ-услубӣ ва пешниҳодҳои амалиро оид ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ тақозо намуда, он барои рушди устувори иқтисодиёти кишвар барои солҳои минбаъда хизмат хоҳад кард. Таҳқиқ ва ҳалли масоили мазкур мубрамияти таҳқиқоти илмиро муайян намуда, яке аз масъалаҳои рӯзмарра дар шароити муосир ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои минтақавӣ ва ҷанбаҳои назариявии ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, махсусан, кластерҳои пахта аз тарафи иқтисодчиёни ватанӣ И.А. Асроров, Д.Д. Бобоҷонов, Қ.Қ. Давлатзода, Ҳ.Р. Исайнов, Р.Р. Қудратов, Х. Умаров, Ҷ.С. Пиризода, И.С. Ашуров, М.Р. Қурбонзода, Т.Д. Низомова, Ҷ.Ҳ.Тағоев, З.Р. Шарипов, Э.Н. Шералиев, М.А.Ҷураев, Д.М. Бегов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Масъалаи рушди минтақаҳо ва ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар асарҳои иқтисодшиносони машҳури мактаби классикӣ - Д.Рикардо, А. Маршалл, М. Портер, Й.Тюнен ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Миёни олимони рус масъалаи рушди кластерҳои иқтисодӣ, таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи рушди он аз ҷониби иқтисодчиён Г.А.Авагян, Г.Л.Азоев, М.Э.Буянов, И.Г. Дежинай, Г.В.Клименко, Ю. Е.Кузнетсов, Е.С.Кутсенко, И.В.Пилипенко, И.Е.Рисина, Т.О.Толстих ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Баъзе ҷанбаҳои методии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақаҳои агросаноатӣ аз ҷониби олимони рус О.А.Аничкина, В.П.Арашуков, О.В.Богданов, А.В.Боговиз, А.В.Глотко, А.С.Донченко, Е.В.Доржиев, П.А.Краснокутский, Н.И.Кузнетсов, В.А.Кундиус, Ю.Г.Лавриков, А.А.Настин, Ю.А.Новеселов, В.В.Печаткин, Л.И.Проняев, В.И.Самарух, О.В.Сидоренко, А.С.Хухрин ва дигарон дида баромада шудааст.

Ҳамзамон, баъзе ҷанбаҳои ташаккули кластерҳои пахта дар таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ дида баромада шудааст. Аммо, масъалаҳои арзёбии самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, фаъолияти дастаҷамъонаи иштирокчиёни занҷираи истеҳсолии кластерҳои мазкур ва таъмини бозори дохилии минтақавӣ бо молу маҳсулоти агросаноатӣ ба таври лозима баррасӣ нагардидаанд. Аз ин лиҳоз, мушкилоту масъалаҳои дар боло

зикргардида, зарурати ҳаллу фасли онҳо, мақсад ва вазифаҳои асосии кори илмии мазкурро муайян менамоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Муҳтаво ва муқаррароти диссертатсия бо як қатор барномаҳои давлатии марбут ба рушди кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ мутобиқат намуда, ба татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши комплекси агросаноатӣ, барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кишвар барои солҳои 2020-2025, барномаи коркарди пурраи нахи пахтаи истеҳсолшавандаи кишвар дар давраи то соли 2025, консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар минтақаҳои кишвар, ки ба масъалаҳои ташаккули кластерҳои пахта бахшида шудаанд, марбут мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-услубии ташаккули кластерҳо ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақаҳои агросаноатӣ;

-арзёбии принсипҳо ва функсияҳои асосии амалкарди кластерҳои пахта дар минтақа;

- асоснок намудани самтҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар асоси истифодаи таҷрибаи хориҷӣ ва истифодаи вариантҳои пешқадами он дар шароити минтақаҳои кишвар;

- пешниҳоди дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахта бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва инноватсионӣ-хоҷагидорӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҷалби сармоягузориҳо ба ташаккули рушди кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ;

- асосноккунии роҳҳо ва имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон.

**Объекти таҳқиқот** - ин тамоми корхонаҳое мебошанд, ки дар соҳаи истеҳсол ва коркарди пахта новобаста аз шакли моликияташон фаъолият мекунанд ва ба кластерҳои пахтаи минтақаҳои агросаноатии вилояти Хатлон шомил мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқот** - ин муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар раванди самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон ба вуҷуд омадаанд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар пояи муқаррароте асос ёфтааст, ки дар сурати ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ истифодаи муносибатҳои нави кооператсионӣ ва ҳамгироии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, самаранокии иштирокчиёни занҷираи он ба афзоиши маҳсулоти ниҳоии он, таъмини самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақа ва беҳтар гардидани вазъи молиявии иштирокчиёни кластери пахта ноил гардидан мумкин аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони иқтисодшиноси ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ, барномаҳои давлатии ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, аз ҷумла рушди соҳаи пахтакорӣ ва чораҳои дар ҳамин самт андешидашуда дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, ки барои шароити минтақаҳои агросаноатӣ мувофиқ мебошанд, ташкил медиҳанд.

**Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерин:** усули монографӣ, таҳлили оморӣ, математикӣ-иқтисодӣ, демографию қиёсӣ ва таҷрибавию озмоишӣ истифода бурда шудаанд. Истифодаи усулҳои мазкур натиҷабахшии ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатии пахта ва идораи самараноки ҷараёни кооператсия ва ҳамгироӣ, асоснок намудани натиҷаҳои назариявӣ - амалӣ, хулосаю пешниҳодҳоро таъмин менамоянд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои илмии таҳқиқот санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон ва Сарраёсати Агентии омори вилояти Хатлон, инчунин маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии ҳифзи муҳити зисти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи ҳоҷагиҳои пахтакор ва ноҳияҳои минтақаи Хатлон истифода бурда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар давоми солҳои 2020-2023 иҷро шудааст.

**Навгониҳои таҳқиқоти илмиро** асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии ташаккули кластерҳои пахта ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии иштирокчиёни занҷираи мазкур дар минтақаҳои агросаноатӣ ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

- дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти дастаҷамъонаи нуқтаҳои мухталифи назариявӣ таърифи худи муаллиф оид ба мафҳуми “самаранокии кластерҳои пахта” бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудӣ муайян карда шудааст, ки он ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани маҳсулоти соҳаи пахтакорӣ, таъмини рақобатноки иштирокчиёни занҷираи истеҳсолии он равона карда шудааст;

- арзёбии принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, ки ба баҳои методӣ-услубии фаъолияти дастаҷамъонаи иштирокчиёни занҷираи мазкур, баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои кишвар нигаронида шудаанд;

- самтҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ арзёбӣ гардидааст, ки он бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва табиӣ-иқлимии рушди соҳаи пахта, ки ба истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, ҷалби бештари сармоягузориҳо, алоқаҳои ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолот ва дар заминаи онҳо зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти он дар минтақа нигаронида шудааст;

- пешниҳодҳо оиди дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ карда шудааст, ки он ба таъсиси корхонаҳои саноатии коркарди нахи пахта ва ҷойҳои нави корӣ, дастгирии молиявии корхонаҳои пахта ва иштирокчиёни занҷираи он, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ равона карда шудааст;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба самаранокии сармоягузориҳо ба ташаккули каластерҳои пахта, ки ба беҳтаргардонии вазъи молиявӣ-иқтисодии иштирокчиёни занҷираи он, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти соҳаи пахта ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти коркарди саноатии он, инчунин, рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа равона гардидаанд;

- самт ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, ки ба зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти агросаноатӣ, рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатӣ, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори минтақа мусоидат менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳуми "самаранокии кластерҳои пахта" муайян карда шуда, аз нигоҳи вай ҳамчун низоми махсуси фаъолияти хоҷагидорӣ барои рушди соҳаи пахта, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои агросаноатии кишвар ва истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои ниҳоии агросаноатӣ хизмат менамояд;

- принсипҳо, хусусиятҳои хоси минтақавӣ ва функсияҳои асосии рушди кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ки ба истеҳсол, коркард, нигаҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, фаъолияти самараноки иштирокчиёни кластерҳои пахта, беҳтаршавии вазъи иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ ва рушди бозори минтақавӣ равона карда шудааст;

- самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ арзёбӣ гардида, он ба самаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ, фаъолгардонии ҷалби бештари сармояҳо, алоқаҳои ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолоти пахта, инчунин рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, равона гардидааст;

- пешниҳоди дастгирии давлатии рушди кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ нишон дода шудааст, ки он ба таъмини маҳсулоти соҳаи пахта, ҳимояи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандии молиявии истирокчиёни кластерҳои мазкур ва танзими давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ равона карда шудааст;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба самаранокии сармоягузориҳо ба ташаккули инноватсионии каластерҳои пахта, ки ба беҳтар гардидани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии иштирокчиёни он, таъмини ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва рушди минтақаҳои агросаноатӣ, дар маҷмуъ равона гардидаанд;

- самт ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақа, ки ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи пахта дар

минтақаи Хатлон, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои агросаноатӣ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия ба инкишофи ҷанбаҳои назариявӣ-методии иқтисодиёти минтақавӣ, аз ҷумла рушди кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, ҳамгирой ва кооператсия равона карда шудааст. Баъзе аз тавсияҳои илмӣ-амалии он мумкин аст, ки дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ, инчунин, корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти пахта машғулбуда мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ истифода бурда шаванд.

Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, ҳам аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои ташаккули кластерҳои пахтаи минтақавӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, масъалаи таъмини ҷойҳои нави корӣ ва шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои мубрами ташаккули кластерҳои пахта таҳлил гардида, тавассути маълумоти дақиқи минтақавӣ ва соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин, тамоми масъалаҳо ва пешниҳодҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 –Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунанд: 1.2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода; 1.3. Ташкили ҳудуди иқтисодиёти миллӣ; таъсисёбӣ, фаъолият ва таҷдиди кластерҳои иқтисодӣ ва дигар низомҳои ҳудудӣ маҳаллии иқтисодӣ; 1.19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар ҳудудӣ иқтисодиёти минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудии инкишофи кишоварзӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар он муайян мегардад, ки иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва

аҳммамиятнокии он аз ҷониби диссертант иҷро гардидааст. Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми татбиқи сиёсати кластерикунонии минтақаҳо, рушди кластери пахта ва шаклҳои пешқадами муносибатҳои ҳамгирой ва кооператсияи истеҳсолот, таъмини фаъолияти самараноки соҳаи комплекси агросаноатӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф ҳангоми татбиқи сиёсати агрозуқаворӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нав ва пешқадами кластерҳои пахта ва хоҷагидорӣ, самаранокии фаъолияти корхонаю ташкилотҳои занҷираи мазкур мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ҳамчунин, коркарди илмии муаллиф дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии “Иқтисодиёти КАС”, “Иқтисодиёти миллӣ” ва “Иқтисодиёти минтақавӣ” истифода бурда мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 179 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 18 ҷадвал, 4 диаграмма ва 6 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда номгӯи сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити иқтисоди бозорӣ»** ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои минтақавии ташаккули кластерҳои пахта, принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақа ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккули кластерҳои пахта ва имконияти татбиқи он дар шароити минтақа баён гардидаанд.

Дар боби якуми рисола қайд карда шудааст, ки дар марҳилаи кунунӣ рушди иқтисодиёти минтақаҳо яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии минтақавӣ, нигоҳ доштан ва тараққӣ додани базаи мавҷудаи саноатӣ, нигаҳдории неруи кадрӣ ва дар ин замина, таъмини рақобатпазирии иштирокчиёни бозори молу маҳсулоти нассоҷиву дузандагӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд яке аз самтҳоиояндадори сиёсати аграрӣ-индустриалии давлат ин ташаккули муносибатҳои кластерӣ маҳсуб меёбад, ки он зарурати мустаҳкам намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, шаклҳои кооператсия ва ҳамгироиро дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС) тақозо менамояд. Ин раванд барои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва самаранокии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ аз чораҳои муҳим истифода бурда,

роҳҳои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори иқтисодиёти миллии кишварро таъмин намуд.

Мафҳуми кластер аз калимаи англисии «cluster» гирифта шуда, маънояш даста, якҷояшавӣ ва гурӯҳи дастаҷамъонае мебошад, ки он дар асри XX ба арсаи илм ворид гардидааст. Кластер ба фаҳмиши гурӯҳбандии объектҳои ташкилӣ-истеҳсолӣ ва инноватсионӣ-хоҷагидорӣ шабоҳат дорад. Кластер дар адабиёти иқтисодӣ - ҳамчун комплекси соҳаҳое мебошад, ки аз як гурӯҳи муттаҳидшудаи бо ҳам алоқаманд дар ҳудудҳо ва минтақаҳо (бахусус ширкатҳо, корпоратсияҳо, донишгоҳҳо, бонкҳо ва ғайра) иборат буда, вазифаи таъминкунӣ, истеҳсол ва истеъмоли молу хизматрасониҳоро бо мақсади таъмини аҳолии кишвар ба роҳ мемонад. Аслан, мафхуми кластер ба фаҳмиши гурӯҳбандӣ (классификатсия)-и объектҳои гуногуни моликият шабоҳат дорад.

Дар ин ҷода истеҳсолоти низоми агросаноатӣ мавқеи муҳим дошта, дар таъмини бозори дохилии минтақавӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби коркарди саноатии маҳсулоти пахтакгӣ таъсири мусбат мерасонад. Истеҳсолоти агросаноатӣ маҷмуи соҳаҳои ба ҳам алоқаманд ва ҷараёни истеҳсоли муштараки молу маҳсулот ва хизматрасоние мебошад, ки дар худ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани онҳоро дар бар мегирад. Ин ҷо занҷираи асосӣ соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, аз рушди он мавҷудияти дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳои кишвар вобастагӣ дорад. Дар ин занҷира гурӯҳи соҳаҳо ва дигар корхонаҳои мустақили хоҷагидорӣ низ фаъолият менамоянд, ки кашонидан, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзиро ба ухда доранд. Дар ин раванд яке аз чораҳои муҳимми рушди минтақавӣ-соҳавӣ ин ташаккули кластерҳои пахта ба ҳисоб меравад.

Амалигардии муносибатҳои кластерҳои пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаи Хатлон қобили қабул буда, дар маҷмуъ метавонад рушди иқтисодиёти минтақаро ба зинаи нави рушд барорад. Зеро минтақаи номбурда аз ҳисоби ҳудуд, шароитҳои табиӣ- иқлимӣ ва захираҳои меҳнатӣ яке аз минтақаҳои мусоид барои истеҳсоли пахта ва коркарди саноатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз дигар ҷониб, соҳаи саноати сабуки минтақаи Хатлон аллакай марҳилаи ташаккули худро паси сар намуда, бо ибораи дигар, дар минтақа дар шароити имрӯза садҳо корхонаҳои нассоҷиву дӯзандагӣ фаъолият карда истодаанд.

Ин ҳолат яке аз принсипҳои асосии фарқкунандаи алоқамандии соҳаҳо ва иштирокчиёни кластерҳои пахта ба ҳисоб рафта, он метавонад дар дилхоҳ ҳолат барои ҳалли вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда муттаҳид шавад (расми 1).




**Расми 1.** Принсипҳои асосии алоқаи байниҳамдигарии иштирокчиёни кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ ва марҳилаҳои ташаккули онҳо
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Сохтори ташкилӣ-истеҳсолӣ ва инноватсионӣ-технологии марҳилаҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта нишон медиҳад, ки он дар ҳамгироии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ мақоми махсус дорад. Фақат ташаккули кластерҳои пахта дар минтақа имкон медиҳад, ки муттаҳидсозии корхонаҳои занҷираи истеҳсолӣ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ба таври дуруст ба роҳ монда шуда, корхонаҳои калон ба ҳайси локомативи асосӣ ва таъмини рақобати софи корхонаҳои хурду миёна хизмат намуда, ҳавасмандии молиявӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати молу маҳсулотро таъмин намояд.

Дар рисола оварда шудааст, ки кластери пахта дар шакли ҳамгироии минтақавии корхонаҳои иштироккунандаи он барои амалӣ намудани мақсадҳои дар назди онҳо гузошташуда, бо имконияти захираҳои маҳдуди иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти пахта, маҳсулоти тайёрро ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ пешниҳод менамояд. Хусусияти фарққунандаи кластерҳои пахта аз дигар шаклҳои кластерҳои агросаноатӣ дар он аст, ки дар ин кластер на танҳо соҳаҳои истеҳсолкунандаи ашёи хом, балки соҳаҳои хизматрасонӣ-таъминотӣ, техникӣ-технологӣ, идоракунии сифати молу маҳсулот ва соҳибкории инноватсионӣ (илму техника ва технология)-ро бо ҳам мепайвандад.

Барои дарки воқеии ташаккули кластерҳои пахта мо бояд ба фаҳмиши мафҳумҳои кластер ва ҳаммаънои зернизоми он сарфаҳм равем. Мафҳуми «зернизом» ва «кластер» ин мафҳумҳои ба ҳам монанд, вале дар навбати худ, фарққунанда ҳам мебошанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Муқоисаи мафҳуми «зернизом» ва «кластер» дар шароити минтақа**

| Нишондиҳандаҳо | Зернизом | Кластер |
|---|---|---|
| Категория | Занҷираи технологии истеҳсолот | Марҳилаи баланди рушди зернизом аз нуқтаи назари сатҳи кооператсия ва ҳамгирой, эҳтимолияти наздикшавии минтақа ва соҳаи иқтисодӣ-иҷтимоии он |
| Мавқеъ дар иқтисодиёти минтақа | Мақоми махсус дар низоми КАС-и минтақа | Мақоми махсусро дар иқтисодиёти минтақа ишғол намуда, муҳаррики рушди соҳаҳои КАС-и минтақа ва иқтисодиёти миллӣ мебошад |
| Вазифаҳои асосӣ | Таъмини аҳолии минтақа бо маҳсулоти баландсифат | Баланд бардоштани рақобатнокии иқтисодиёти минтақа бо роҳи истеҳсоли маҳсулоти баландсифати ватанӣ ва фурӯши онҳоро берун аз минтақа таъмин менамояд |
| Ҷамъбасти низоми идоракунӣ | Самаранокии амалкарди ҳамаи субъектҳои алоҳидаи зернизом | Самаранокии кластери пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, ки дар амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ иштирок менамоянд |

**Сарчашма***:* таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ

Аз ин хотир, ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ ба иштирокчиёни худ имкон медиҳад, ки дараҷаи баланди тахассусиро касб намуда, ба рушди соҳибкорӣ дар минтақа саҳми калон гузошта, талаботи бозори озуқаворӣ ва саноатиро дар минтақаҳои кишвар бо маҳсулоти агроозуқаворӣ таъмин намоянд, ки он аз омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, табиӣ-иқлимӣ ва технологӣ-истеҳсолӣ вобастагии калон дорад.

Ба андешаи муаллиф, кластерҳои пахта ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ва додугирифти иттилоотӣ-технологӣ, рушди муносибатҳои ҳамгирой ва кооператсия, шуғли пурмаҳсули кориро дар минтақа таъмин намуда, дорои имконияти баланди самаранокӣ дар миқёси минтақа мебошад (расми 2).




**Расми 2. Консепсияи ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросанатӣ дар шароити муосир**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Омилҳои мазкур ба рушди иқтисодиёти минтақа дар заминаи истифодаи самараноки муносибатҳои ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолот, коркард ва истифодаи технологияҳои пешқадами истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин, иқтидори захиравӣ-табиии минтақа мусоидат менамояд. Ин ҳолат ба ташаккули клестерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ дар бахши истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини ашёи хоми саноатӣ ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани он мусоидат менамояд.

Бо мурури замон кластерҳои пахта омили ҷалби бештари сармояҳои беруниӣ, маблағгузориҳои калони ғайрибуҷетӣ ва идораи самараноки истеҳсолот, зиёдшавии шумораи андозсупорандагон ва заминаи махсуси андозбандӣ, зиёд шудани ҷойҳои нави корӣ, пайдоиши воситаи хуби амалӣ намудани бизнесҳои муштарак ва боиси бозсозии сохтории минбаъдаи иқтисодиёти минтақа мегардад. Ба сифати унсури (маркази) кластерҳои пахтаи соҳаи кишоварзӣ ширкатҳои бузург баромад намуда, миёни онҳо рақобати солим нигоҳ дошта мешавад, ки бо ин хусусиятҳояш вай аз картел ё гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ фарқияти ҷиддӣ дорад.

Низоми ташкили рақобатнокии корхонаю ташкилотҳои низоми агросаноатӣ, истеҳсолкунандагон, таъминкунандагон ва харидоронро барои ташкили махсусгардонии истеҳсолот, кооператсия ва ҳамгироӣ бештар ҷалб менамояд. Дар ин раванд гурӯҳбандии функсияҳо ва принсипҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта, ки он ба самаранокии истеҳсолоти комплекси агросаноатӣ ва рушди иқтисодиёти минтақа, дар маҷмуъ мусоидат менамояд (расми 3).

Муаллиф қайд мекунад, ки барои минтақаҳои агросаноатии Тоҷикистон таҷрибаи ҳам кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ва ҳам кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки дар бахши ташаккули кластерҳои пахта ва самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ-захиравии минтақа ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд. Дар рисола таҷрибаи ташаккули кластерҳои пахта дар ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷопону Чин ва аксарияти кишварҳои собиқ Шуравӣ, ба монанди Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо дида баромада шудааст. Натиҷаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар ташаккули кластерҳои пахта ва коркарди саноатии ашёи хоми пахта дастгирии давлатии рушди минтақаҳои агросаноатӣ ва алоқаҳои ҳамгириҳои амудӣ ғайриимкон мебошад.

Тайи даҳсолаҳои охир нақши давлат дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ дар ҳалли масъалаҳои танзими давлатӣ, самаранокии фаъолияти дастаҷамъонаи иштирокчиёни занҷираи истеҳсолии он бо мақсади ба даст овардани самаранокии синергетикӣ хеле афзудааст. Вазъи корҳонаҳои пахта муайянкунандаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисоди минтақа ва сатҳи некуаҳволии мардум ба шумор рафта, сиёсати кластерикунонӣ, дар мадди аввал, барои баланд бардоштани вазъи иҷтимоии аҳолӣ равона карда мешавад.




**Расми 3. Принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатии кишвар**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

**Дар боби дуюм «Таҳлили вазъи самаранокии фаъолияти кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон»** ҳолати кунунии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар минтақаи Хатлон ва арзёбии самаранокии кооператсия ва ҳамгирои̣ дар ташаккули кластерҳои пахтакории минтақаҳои агросаноатӣ баррасӣ гардидааст.

Вилояти Хатлон соли 1992 ташкил гардида, маркази он шаҳри Бохтар мебошад. Масоҳаташ 24,7 ҳазор км мураббаъ буда, он 17,5%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии вилоят ба 3530,0 ҳазор нафар баробар буда, зичии аҳолӣ ба ҳисоби миёна ба майдони 1 км мураббаъ 142,9 нафарро ташкил дода, он минтақаи аграрӣ-саноатӣ ба ҳисоб меравад ва ба ду минтақа: минтақаи Вахш ва Кӯлоб тақсим карда шудааст. Шуғли асосии мардуми минтақа кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, дар минтақа 175 корхона ва коргоҳи пахтатозакунӣ, 33 корхона ва коргоҳи дӯзандагӣ ва 6 корхонаи ресандагӣ фаъолият дорад.

Рушди соҳаи пахта, дар навбати худ, бахши муҳимми соҳаи кишоварзии минтақа ба ҳисоб рафта, дар ташаккули кластерҳои агросаноатии вилояти Хатлон мақоми махсус дорад. Вай дар худ зернизомҳои зиёдеро гирд оварда, аз раванди парвариш, ҷамъоварии ҳосил, коркарди саноатии пахта, нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ки он аз якчанд функсия ва занҷираи истеҳсолӣ таркиб ёфта, ба як объекти бутуни истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, яъне пахта муттаҳид мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вилояти Хатлон минтақаи калонтарини пахтакории ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, 69,4% ҳосили ин маҳсулот маҳз дар ҳамин минтақа ҷамъоварӣ карда мешавад (диаграммаи 1).

**Диаграмаи 1.- Ҳиссаи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҷамъоварии ҳосили пахта дар соли 2021, бо %**




**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, 2022.- С. 155-156.

Аз рӯйи андоза ва самти фаъолият онҳо аз ширкатҳои миёна ва бузурги ҳамгироии амудӣ, ширкатҳои миёнаи истеҳсолӣ (аз даврони Шуравӣ меросмонда) ва корхонаҳои ҳозиразамони шахсӣ иборат мебошанд, ки дар бозори дохилии кишвар ҳиссаи хурдро соҳибанд. Имрӯз корхонаҳои нассоҷӣ ва дӯзандагии минтақаи Хатлон ба истеҳсоли номгӯи зиёди маҳсулоти пахтагӣ машғул буда, барои содироти маҳсулоти пахтагӣ, ба мисли либосҳои кӯдакона, мактабӣ ва ҳарбӣ нигаронида шудаанд.

Қисмати дигари бахши пахта ин занҷираи технологии коркарди саноатии пахтаи хом ва бахши нассоҷию дӯзандагӣ дар раванди кластерикунонии пахта ба ҳисоб меравад. Таҳлили раванди марҳилаи аввали коркарди пахтаи хом зарурати омӯзиши фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии нахи пахтаро ба миён меорад. Яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди минтақаи Хатлон ин содироти маҳсулоти агросаноатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҳиссаи МММ вилоят дар соли 2022 чунин мебошад: нахи пахта - 33%, маҳсулоти абрешимӣ - 25%, калобаи ришта - 45,6%(ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Содироти маҳсулоти асосии агросаноатӣ дар минтақаи Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номгуйи маҳсулот | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2020 | | 2021 | | 2021/ 2015 % |
| | ҳазор доллари ИМА | бо % | ҳазор доллари ИМА | бо % | ҳазор доллари ИМА | бо % | |
| Нахи пахта | 50470,5 | 81,7 | 39685,2 | 52,0 | 45239,3 | 46,4 | 89,6 |
| Меваҳои хушк | 1381,2 | 2,3 | 258,8 | 0,3 | 955,2 | 1,0 | 69,2 |
| Пиёз | 743,1 | 1,2 | 2259,8 | 3,0 | 1051,2 | 1,1 | 141,5 |
| Калобаи ришта | 521,0 | 0,8 | 31164,3 | 40,8 | 44514,2 | 45,6 | 8,5м |
| Ангур ва шарбатҳои он | 2662,7 | 4,3 | 140,2 | 0,2 | 1855,5 | 1,9 | 69,7 |
| Гелос, шафтолу, зардолу | 511,8 | 0,8 | 49,0 | 0,07 | 105,7 | 0,1 | 20,7 |
| Меваю сабзавот | 5449,5 | 8,9 | 2755,4 | 3,6 | 3834,9 | 3,9 | 70,4 |
| Дигар меваҳои тару тоза | - | - | 1,8 | 0,03 | 4,8 | 0,01 | - |
| **Ҳамагӣ** | **61739,8** | **100** | **76314,5** | **100** | **97560,8** | **100** | **158,0** |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. Маҷмӯаи оморӣ. – Бохтар, 2022. - С.187.

Қайд кардан зарур аст, ки корхонаҳои коркарди саноатии пахта қисмати зиёдатии маҳсулоти пахтаро дар ихтиёри худ барои коркарди оянда мемонанд, ки он ба самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Марҳилаи дигари хеле муҳимми рушди пахтакории минтақа ин коркарди саноатии нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ба ҳисоб меравад, ки нишондиҳандаҳои асосии он дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Яке аз самтҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта ин дастгирии давлатии соҳаи пахта ва комплекси агросаноатӣ, дар маҷмуъ шароити минтақаҳои агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Низоми агросаноатӣ дар баланд бардоштани самаранокии рушди кластерҳои пахта ва рақобатнокии иштирокчиёни он нақши асосӣ мебозад. Дар ин раванд, якчанд омилҳое ҳастанд, ки ба хусусияти хоси соҳаи рушди комплекси агросаноатӣ, бахусус соҳаи кишоварзӣ марбут буда, дахолати давлат дар раванди ташаккули кластерҳои пахтаи агросаноатӣ шарти муҳим мебошад.

**Ҷадвали 3.- Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар вилояти Хатлон (дар шакли натуралӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | 2021/ 2010, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Нахи пахта (ҳазор тонна) | 61,3 | 64,3 | 53,4 | 70,9 | 55,0 | 55,4 | 57,6 | 55,6 | 90,7 |
| Чигит (ҳазор тонна) | 104,5 | 102,9 | 82,8 | 114,3 | 84,4 | 85,7 | 92,2 | 84,0 | 80,4 |
| Тибити пахта (тонна) | 2060 | 2239 | 2250 | 2611 | 6401 | 1543 | 1098 | 815 | 39,6 |
| Тораки пахта (тонна) | 1545 | 1423 | 927 | 1024 | 1099 | 824 | 1347 | 1653 | 107,0 |
| Пат (тонна) | 1088 | 1038 | 784 | 961 | 900 | 755 | 1142 | 1318 | 121,1 |
| Пахта (тонна) | 49 | 4260 | 5566 | 5257 | 5202 | 16582 | 27871 | 27222 | 55,5м |
| Қалобаи пахтагин (тонна) | 1456 | 386 | 2627 | 8759 | 15399 | 17400 | 14105 | 17785 | 122,4 |
| Ресмони абрешими хом (тонна) | 5,6 | 2,1 | 1,8 | 1,8 | 0,8 | 0,1 | - | - | - |
| Маводи нобофта (ҳазор метри мураббаъ) | 119 | - | - | - | 98 | 82,2 | 103 | 111 | 93,3 |
| Қолин ва маснуоти қолинӣ (ҳазор метри мураббаъ) | - | 89,9 | 14,0 | - | 0,3 | - | - | - | - |
| Ҷӯробу пайпоқ (ҳозор ҷуфт) | - | 919 | 2034 | 2716 | 4581 | 3015 | 227 | 2795 | - |
| Маҳсулоти кашбофӣ (ҳозор дона) | - | - | - | - | - | - | 29,0 | 105,0 | - |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе 2021. – С-99-110, Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. -Душанбе 2022. - С-57, 61

**Дар боби сеюм «Самт ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон»** дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақа, фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақа, самт ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар рисола оварда шудааст, ки дар татбиқи ин ҳадафҳо нақши давлат хеле назаррас буда, барои ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар мусоидат менамояд. Ҳалли масоили мазкур зарурати дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахтакориро дар минтақаҳои кишвар тақозо намуда, он барои баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти занҷираи мазкур ва таъмини сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ равона карда шудааст. Дар расми 4 дар асоси омӯзиш ва таҳлили асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ механизмҳо, усулҳо ва фишангҳои асосии дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахта оварда шудааст.

Низоми пешниҳодшудаи чораҳои мазкур оид ба таҳияи механизми танзими давлатии рушди кластерҳо дар минтақа барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти агроозуқаворӣ ва саноатӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Татбиқи чораҳои андешидашуда, дар навбати худ, имкон медиҳад, ки на танҳо рушди кластерҳои пахта, балки тамоми комплекси аграрию саноатӣ дуруст ба роҳ монда шуда, ба рушди устувори минтақаҳои кишвар заминаҳои мусоид фароҳам оварда шавад.

Дар рисола оварда шудааст, ки яке аз самтҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта ин ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва самаранокии фаъолияти занҷираи кластерҳои истеҳсолии пахта дар минтақа мебошад. Татбиқи амалии стратегияи рушди устувори минтақаҳои кишвар ва самаранокии ташаккули кластери пахта бе ҷалби фаъоли сармоягузориҳо ба рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ғайриимкон мебошад. Дар ин самт, яке

аз фишангҳои муҳим ин ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва сармояи хориҷӣ ба рушди минтақа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҷалби фаъоли сармоягузориҳо дар ташаккули кластерҳои пахта ва рушди устувори минтақаҳо дар маҷмуъ муҳим арзёбӣ мегардад.




**Расми 4.** Нақшаи механизми дастгирии давлатии ташаккул ва рушди кластерҳои пахта дар минтақаҳои кишвар

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 ва ҳам Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кишвар барои солҳои 2020-2025 барои таъмини сармоягузории рушди бахши ҳақиқии иқтисодиёт, бахусус, рушди кластерҳои агросаноатӣ диққати махсус дода шудааст. Таносуби ҳаҷми сармоягузориҳо дар ММД, ки дар сенарияҳои дурнамои рушди иқтисоди миллии кишвар нишон дода шудаанд, далели илман асоснок будани назари коршиносони ватанӣ ва ҳамтоёни хориҷии онҳо буда метавонад.

Дар ин ҷода дар сиёсати минтақавии сармоягузорӣ принсипҳои амалкунандаи он бояд такмил дода шуда, шароитҳои нав ва ҷалби технологияи нави инноватсионӣ ба рушди кластерҳои пахта муҳим арзёбӣ мегардад. Дахолати давлат то он замоне зарур мебошад, ки бахши мазкур ба ҳадди ақалли рушд расида, ниҳодҳои давлатӣ низ бояд дар занҷираи истеҳсолу хизматрасонии кластерҳои пахта фаъолона иштирок намоянд. Барои амалӣ гардонидани чунин сиёсати минтақавӣ мебояд, ки стратегияи рушди давлатии

кластерҳои пахта куллан тағйир дода шуда, он бояд ба талаботи самаранокии молиявӣ-иқтисодии иштирокчиёни он ҷавобгӯ буда, дар амали намудани стратегияи рушди иқтисодиёти миллии кишвар хизмат намояд.

Барои ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, аз ҷумла кластерҳои пахта, ҷалби бештари сармояҳои ватанӣ ва хориҷӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин хотир, дар минтақаи Хатлон 3 гурӯҳи кластерҳои пахта ташкил карда шудааст, ки онҳо шаҳру ноҳияҳои вилоятро фаро гирифтаанд, аз ҷумла кластери 1 (ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Фархор, Кӯлоб, Восеъ); кластери 2 (ноҳияҳои Дӯстӣ, Балхӣ, Ҷайҳун ва Панҷ) ва кластери 3 (ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритуз ва Н. Хусрав). Илова бар ин, дар минтақа ба таври таҷрибавӣ кластери пахтаи ҶДММ «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» зиёда аз даҳ сол аст, ки фаъолият менамояд.

Дар рисолаи илмӣ мо нишондиҳандаҳои самаранокии сармоягузориро дар кластери 1-и минтақаи Хатлон дида баромадем (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Нишондиҳандаҳои самаранокии сармоягузорӣ дар кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | 2025 / 2021 (+, -) |
|---|---|---|---|
| | 2021 | 2025 | |
| **КЛАСТЕРИ 1 (ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Фархор, Кӯлоб ва Восеъ)** | | | |
| **ИСТЕҲСОЛИ ПАХТА** | | | |
| Ҳаҷми сармоягузорӣ, млн сомонӣ | 331,0 | 397,2 | +66,2 |
| Майдони кишт, ҳазор га | 26,1 | 27,6 | +1,5 |
| Ҳосилнокӣ, с / га | 21,9 | 40,9 | +19 |
| Ҳосили умумӣ, ҳазор тонна | 57,1 | 112,8 | +55,7 |
| Хароҷоти истеҳсолӣ, млн сомонӣ | 180,3 | 355,5 | +175,2 |
| Нархи фурӯш, ҳазор сомонӣ / т | 10,5 | 14,2 | +3,7 |
| Фоидаи умумӣ, млн сомонӣ | 419,2 | 1169,0 | +749,8 |
| Дараҷаи даромаднокӣ, % | 23,2 | 32,9 | +9,7 |
| **КОРКАРДИ НАХИ ПАХТА** | | | |
| Барориши нахи пахта, ҳаз. Тонна | 18,0 | 37,1 | +19,1 |
| Хароҷоти умумӣ, млн сомонӣ | 321,2 | 670,9 | +349,7 |
| Фоидаи соф, млн сомонӣ | 138,2 | 416,2 | +278 |
| Дараҷаи даромаднокӣ, % | 43,0 | 62,0 | +19 |
| **КОРКАРДИ НАХИ ПАХТА БА РИШТА** | | | |
| Ҳаҷми умумии истеҳсоли ришта, ҳаз тонна | 15,3 | 31,8 | +16,5 |
| Хароҷоти истеҳсоли ришта, млн сомонӣ | 275,7 | 641,8 | +366,1 |
| Фоидаи соф, млн сомонӣ | 183,0 | 450,8 | +267,8 |
| Дараҷаи даромаднокӣ, % | 59,4 | 70,9 | +11,5 |
| **КОРКАРДИ РИШТА БА МАТОЪ** | | | |
| Ҳаҷми умумии матои истеҳсолшуда, млн м$^2$ | 64,9 | 135,0 | +70,1 |
| Хароҷот барои истеҳсоли матоъ, млн сомонӣ | 369,9 | 804,6 | +434,4 |
| Фоидаи соф, млн сомонӣ | 610,7 | 1385,1 | +774,4 |
| Дараҷаи даромаднокӣ, % | 65,0 | 72,1 | +7,1 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз руйи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки дар натиҷаи ҷалби сармоягузориҳои иловагӣ ба кластери мазкур истеҳсоли пахта, коркарди маҳсулоти ниҳоӣ ва дараҷаи даромаднокӣ нисбати дигар кластерҳои пахта

баланд шудааст. Агар фоидаи соф дар кластери мазкур соли 2021 - 419,2 млн сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2025-ум - ба 1169,0 млн сомонӣ ё 2,8 маротиба зиёд гардидааст.

Дараҷаи даромаднокии аз ҳама баланд дар коркарди ришта ба матоъ ба назар мерасад, ки он агар дар соли 2021 ба 65,0% баробар бошад, пас дар соли 2025 мутаносибан 72,1%-ро ташкил мекунад, ки он, пеш аз ҳама, аз ҳисоби баланд шудани сифати матои истеҳсолшаванда ва истифодаи технологияи пешқадам дар коркарди он вобаста мебошад.

Дар рисола қайд карда шудааст, ки механизми рушди кластерҳои пахта дар минтақа ҳадафҳои муайяни худро дорад, ки он аз принсип ва пайдарҳамии фаъолияти иштирокчиёни занҷираи он маншаъ мегирад. Самаранокии иқтисодии кластери мазкур тавассути механизми муайяни ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва инноватсионӣ-иқтисодӣ, функсияи ҳар як иштирокчии он дар раванди кластерикунонӣ баҳогузорӣ карда шуда, аз раванди ташкилӣ-истеҳсолӣ ва ҳиссаи ҳар яки онҳо дар самараи бадастоварда муайян карда мешавад. Самараи мазкур пайдарҳамии мантиқӣ ва комплексии ҳамаи иштирокчиёни кластери пахта ва зеркомплексҳои онро, дар маҷмуъ нишон медиҳад.

Дар рисола самаранокии иқтидори истеҳсолӣ-захиравии рушди кластерҳои пахтаи минтақавиро дар доираи ҳамгирой дар мисоли ҶДММ «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил»-и вилояти Хатлон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додашудааст. Ба функсияҳои ин сохтор истеҳсоли пахта, омодакунии он, коркарди аввала ва дуюмбораи истеҳсолӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши он дохил мешавад. Маҳсулоти ниҳоии сохтори кластери мазкур аз истеҳсолоти бофандагӣ, рангуборкунӣ ва дӯзандагӣ иборат мебошад .

Кластери минтақавии мазкур аз лиҳози иқтидори истеҳсолӣ- технологӣ дар Осиёи Марказӣ беназир буда, дар ҳамкорӣ бо сармоягузорону мутахассисони Ҷумҳурии Мардумии Чин бунёд шуда, бо пешрафтатарин технологияи нави коркарди пахта ва тавлиди маҳсулот аз ширкатҳои бонуфузи Чин, Швейтсария ва Олмон муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Вай яке аз кластерҳои бузурги пахтаи минтақаҳои агросаноатӣ дар вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад, ки дар минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” ҷойгир шуда, ки бо иқтидори солонаи коркарди 52 ҳазор тонна пахта фаъолият менамояд. Барои муайян намудани самаранокии иқтисодии кластерҳои пахта аз формулаи зерин истифода бурда шудааст:

$$С_{икт.} = Н_и - Х\,(Х_1+Х_2+Х_3+Х_4+Х_5+................Хn); \qquad (1).$$

